*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062*
*назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон*
*Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,*
*кӯчаи М. Турсунзода, 30, www.rtsu.tj*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи "Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст**

Чи тавре, ки маълум аст иқтисодиёти муосир дар шароити глобализатсия, рақобати тезутунд дар сатҳи бозорҳои локалӣ (миллию минтақавӣ) ва ҷаҳонӣ (байналмилалӣ) рушд менамояд, ки дар ин маврид ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ нақши калидии худро иҷро менамояд. Дар шароити кунунӣ эҷоди низоми самаранок ва коромади муҳити ниҳодии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ бо таваҷҷӯҳ ба шаклгирии тафаккури инноватсионӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ уфуқҳои навро дар масири расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар боз менамояд, ки метавонад такони ҷиддӣ ба раванди саноатикунонии иқтисоди миллӣ ва татбиқи консепсияи рушди воридотивазкунанда бахшад. Аз ин ҷост, ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро бе ягон шакку шубҳа ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияи миллии рушди сармояи инсонӣ, асосноккунии самтҳо ва арзёбии самаранокии рушди инноватсионии низомҳои иқтисодӣ, омилҳо, сохтор, самтҳо, роҳҳо ва механизмҳои ташкилию иқтисодии рақамикунонии соҳаҳои хоҷагии халқ, метавон истифода бурд.

Дар автореферат оварда шудааст, ки имрӯзҳо низ корхонаҳои соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ бо мушкилоти вобастагӣ аз таҷҳизоту технологияи хориҷӣ, ки бо нархҳои гарон вориди кишвар мешаванд, камчинии сармоягузориҳо барои ҷорисозии техникаву технологияи инноватсионӣ, норасоиҳо дар молиякунонии комёбиҳои илмию техникӣ, кӯҳнашавии ассортименти маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ, воридоти молу маҳсулоти истеъмолӣ аз хориҷӣ кишвар ва ғайра пайгирӣ менамоянд, ки

аз ин пеш аз ҳама истифодаи самараноки муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ вобастагӣ дорад, ки муҳиммият ва рӯзмара будани мавзӯи номбурдаро арзёбӣ менамояд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва таъмини рақобатпазирии он аз дараҷаи самаранокии татбиқи принсипҳои асосии консепсияи инкишофи инноватсионӣ вобаста мебошад. Ба ақидаи муаллиф, бо таваҷҷуҳ ба таърифҳои мухталифи мафҳуми инноватсия онро метавон ҳамчун навоварии ҷорӣ (маҳсулот, хидмат, раванд, усул ва ғайра), ки ба баланд бардоштани самараи раванди истеҳсолот ва арзиши афзудаи маҳсулот дар асоси истифодабарӣ аз сармояи зеҳнии кормандон, равона шудааст, тафсир намуд. Эҷод ва истифодаи инноватсия вазифаи муҳимтарини сиёсати иқтисодии давлат мебошад, ки дар он дониш, инноватсия ва технология заминаи асосии рушд ҳисобида мешавад. Рушди инноватсионӣ як раванди стратегӣ аст, ки бо истифодаи самараноки захираҳо, такмили воситаҳо ва усулҳои фаъолият дар заминаи истифодабарии самараноки сармояи инсонӣ, нигаронида шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳимми автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ таваҷҷуҳи бештар менамуд:

Дар саҳифаи 24-и автореферат (расми 5) муаллиф нақшаи таҳиягардидаи такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамиро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки албатта дар шароити пешрафти илмию техникӣ ва иқтисодиёти рақамӣ нақши назарраси худро иҷро менамояд. Аммо мавзуъ ва муҳтавои кории илмии мазкур ранги дигар мегирифт, агар муаллиф ҳамзамон дар ҳамин нақшаи тасвиргардида дар бораи алоқамандии ҳадафи чоруми стратегии рушди иқтисоди миллӣ, ки бо “саноатикунонии босуръат” бахшида шудааст бо истифодаи оқилонаи сармояи иносонӣ низ рақаму далелҳо оварда ҷой карда, асоснок менамуд.

Пешниҳоди мазкур хусусияти маслиҳатӣ дошта, ба мазмун ва мундариҷаи автореферат таъсири манфӣ расонида наметавонад. Аз ин ҷост, ки новобаста аз пешниҳодҳои ҷойдошта автореферати диссертатсияи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд.

Бинобар ин чунин хулоса намудан мумкин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи "Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ" аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Садиқова Шукрона Карчаевна арзандаи дараҷаи илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ.

Имзои д.и.и., дотсент Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Марказӣ 25.
Телефон: (+992) 833122-28-06; E-mail: dddangara_2013@mail.ru; www.dsu.tj